# ТАҚРИЗИ

## роҳбари илмӣ Искандар Икромов ба рисолаи илмии унвонҷӯ Мирзораҳматова Гулнора дар мавзӯи “Мирзо Қадам ва эҷодиёти ӯ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз соҳибистиқлолии кишвар ба тадқиқу таҳқиқи ҳаёти фарҳангии гузаштаву имрӯз диққати бештар ба назар мерасад. Барқарор намудани ёдгориҳои таърихӣ, аз нав зинда гардондани мероси бойи фарҳангии халқи тоҷик, бештар аз пештар таваҷҷуҳ намудан ба осори адибону суханварони мозӣ ва ба доираи омӯзишу пажуҳиш кашидани осори бадеии адибони камомӯхта ва ё умуман омӯхтанашудаю аз мадди назарҳо дурмонда имрӯз метавонад ҳаёти фарҳангии тоҷиконро ҳам барои тоҷикзабонон ва ҳам барои хориҷиёне, ки ба осори гузашта ва муосири мардуми фарҳангпарвари тоҷик таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамоянд, дақиқу равшантар намояд.

Яке аз чунин эҷодкороне, ки пеш ва баъд аз Инқилоби Октябр ҳаёт ба сар бурдаву умри хешро сарфи эҷоди бадей намудааст, Мирзо Қадам (1870 -1935) мебошад, ки дар замони Шӯравӣ ба офаридаҳои эҷодияш камтар таваҷҷуҳ зоҳир гардида буд. Аз ин рӯ, унвонҷӯ Мирзораҳматова Г. Дар рисола кӯшиш намудааст, ки дар навбати аввал рӯзгори сипаришудаи Мирзо Қадамро дар асоси маводи мавҷуда барқарор намояд ва дар ин заминаи боэътимод ба сохту муҳтавои мероси адабии шоир мурочиат намуда, кори шоистаеро анҷом диҳад. Ин таҳқиқ аз он ҷиҳат аҳамият дорад, ки аввалин кӯшиши доманадор доир ба омӯзишу пажуҳиши рӯзгору осори Мирзо Қадам мебошад. Гузашта аз ин, рисола барои ба таври умумӣ баҳо додан ба ҳаёти адабии ҳавзаи Роғ дар охирҳои асри XIX ва нимаи асри XX муфид мебошад.

Муқаддимаи рисола асосан дараҷаи омӯхта шудани мавзӯъро фаро мегирад. Сипас дар се боби рисола муҳити адабии Роғ, зиндагиномаи Мирзо Қадам, осори адабии ӯ, ки аз жанрҳои гуногуни адабӣ иборат аст, мулоҳизаҳои илмии унвонҷӯ баён гардида, сипас хулосабарорӣ шудааст.

Дар рисолаи Мирзораҳматова Г. Рӯзгору осори Мирзо Қадам дар асоси мисолҳои боварибахши илмӣ ва радду бадали мулоҳизаҳои аҳли таҳқиқи соҳа ошкор карда шуда, махсусиятҳои эҷодии адиб возеҳу равшан нишон дода шудааст, ки дар ин кор унвонҷӯй заҳмати зиёдеро ба харҷ додааст.

Бояд гуфт, ки мавзӯи рисолаи диссертатсионии "Рӯзгор ва эҷодиёти Мирзо Қадам" аз он иборат аст, ки дар нимаи дувуми асри XIX ва аввали асри XX рӯйдодҳои шадиди таърихӣ боиси косташавии алоқаи ҳавзаҳои адабӣ гардиданд, зеро мардуми Бухорои Шарқӣ ба бумбасти фарҳангӣ мувоҷеҳ гашт ва он чӣ рӯйи авроқ омада буд, муддате аз назарҳо ғоиб монд. Аз ин сабаб адабиёти ин давр ва хусусан фаъолияти доираи адабии Роғ, ки Мирзо Қадам яке аз намояндагони бомаҳорати он аст, то ҳол ба таври бояду шояд омӯхта нашудааст.

Ба Мирзораҳматова Г. муяссар гардид, ки ҷараёни зиндагӣ ва мероси адабии Мирзо Қадамро пурра омӯхта, мазмун ва мундариҷаи ғоявии ашъори ӯ ва хусусияти услубиву бадеии осорашро муайян кардааст. Аз ҷумла, мавқеи доираи адабии Роғро дар нимаи дувуми асри XIX ва ибтидои асри XX омӯхтааст. Унвонҷӯй сохту муҳтавои «Қасас-ул-анбиё»-и манзуми Мирзо Қадам ва мавқеи онро дар адабиёти тоҷик дар асоси далелҳои боэътимоди илмӣ собит гардонда, инчунин андешаҳои ахлоқии «Девон»-и Мирзо Қадам ва мавқеи ашъори лирикии ӯро таҳлил кардааст. Рисолаи мавриди назар дар адабиётшиносии муосири тоҷик аввалин ва ягона рисолаи илмиест, ки ба ҳаёт ва эҷодиёти Мирзо Қадам, ва асарҳои «Девон» ва «Қасас-ул-анбиё»-и манзуми ӯ бахшида шудааст. Дар ин тадқиқот маҳорати суханварии шоир дар эҷоди бадеӣ мавриди назари муаллиф қарор гирифтааст. «Қасас-ул-анбиё»-и манзуми шоир дар адабиёти тоҷику форс зимни асарҳои ҳаммазмуни мансур эҷод шудааст. Дар диссертатсия муаллиф бори нахуст доир ба доираи адабие, ки дар он Мирзо Қадам фаъолияти эҷодӣ дошт, маълумот додааст, инчунин зиндагиномаи шоир, фаъолияти

адабии ӯ низ мавриди омӯзиши муаллифи кор қарор дода шудааст. Ҳангоми омӯхтани мероси адабии шоир рисоланавис ба осори хурди лирикии адиб низ таваҷҷуҳ намудааст.

Дар боби аввали диссертатсия, ки «Ҷараёни зиндагӣ ва мероси Мирзо Қадам» ном дошта, аз се фасл иборат мебошад, унвонҷӯй заминаи маъхазҳои адабӣ, илмӣ, таърихӣ, динӣ-мазҳабӣ ва ғайраро доир ба ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангию адабии ин давра бо андешаҳои илмии худ қувват додааст. Инчунин дар боби мазкур Мирзораҳматова Г.М. дар бораи зиндагиномаи Мирзо Қадам маълумоти кофӣ дода, барои пажӯҳиши ҳамаҷонибаи мавзӯъ бойгонии Мирзо Қадамро дар шакли намунаҳои пароканда, маълумоти аз наздикон, дӯстон, ҳамдиёрон ва ҳамқаламони адиб ҷамъкардааш ва мақолаҳоеро, ки дар онҳо ба дараҷаи омӯхта шудани ҳаёт ва эҷодиёти Мирзо Қадам ишора карда шудааст, моҳирона истифода кардааст.

Ғайр аз ин, дар боби дуюми диссертатсия муаллиф дар бораи мазмун ва мундариҷаи ғоявии ашъори Мирзо Қадам ақидаҳои илмии худро иброз намуда, аввал мавқеи осори хурди лирикии шоирро аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа таҳқиқ кардааст. Баъдан андешаҳои ахлоқии “Девон”-и ӯро таҳлил намудааст. Дар боби мазкур фикру ақидаҳои муаллифи рисола доир ба асари Мирзо Қадам “Қасас-ул-анбиё»-и манзум баён гардидаанд, сохту муҳтаво ва аҳамияти тарбиявии ин асар зикр шудааст.

Хусусияти сабкиву бадеии ашъори Мирзо Қадам пурра дар боби сеюм тадқиқ карда шудааст. Шоир аз забони омма дар осораш хеле зиёд истифода намудааст, ки ин нукта низ дар диссертатсия бо мисолҳои мушаххас ифода ёфтааст. Дар интиҳои диссертатсия муаллиф хулоса ва натиҷагириҳояшро дар 18 банд ҷамъбаст кардааст. Аз ҷумла, дар асоси китобҳои «Девон» ва «Қасас-ул-анбиё»-и манзуми шоир муайян карда шуд, ки ӯ дар осори худ аз жанрҳои суннатии адабиётамон: қасида, ғазал, мухаммас, маснавӣ, рубоӣ, фардиёт кор гирифта, «Девон»-аш

тақрибан аз 1750 байт ва матни «Қасас-ул-анбиё»-и манзум, ки аввалу охираш аз байн рафтаанд, аз 5100 байт иборат мебошад. Аз ин ҷиҳат осори манзуми ин суханвар баробари аҳамияти эстетикӣ касб намудан ҷиҳатҳои муҳимми ҳаёту эҷодиёти адиб ва диди шоир ба замонаш маъхази арзишманд дониста мешавад.

Ба ҷумлаи дастовардҳои илмии диссертатсия мазкур ҳаминро метавон нисбат дод, ки рисоланавис барои омӯзишу пажӯҳиши яке аз мавзӯъҳои кам тадқиқшудаи адабиёти тоҷик, яъне зиндагинома ва мероси адабии Мирзо Қадам, фаъолияти ҳавзаи адабии Роғ, нақши он дар адабиёти тоҷик саҳми арзанда гузоштааст. Маводи диссертатсия зимни таҳияи асарҳои илмӣ доир ба таърихи адабиёти тоҷик, китобҳои дарсӣ ва навиштани рисолаву мақолаҳои илмиву оммавӣ арзишманд дониста мешавад. Илова бар ин, диссертатсия дар омӯзишу пажӯҳиши дигар ҷиҳатҳои осори Мирзо Қадам, инчунин навиштани корҳои курсӣ ва дипломӣ, курсҳои махсуси лексионӣ ва амалӣ барои донишҷӯён метавонад бевосита хизмат кунад. Таҳқиқи ҳаёт ва эҷодиёти Мирзо Қадам барои амиқтар аз худ кардани таъриху фарҳанги тоҷик, баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ ва завқи эстетикии ҷомеа низ беманфиат нахоҳад буд.

Дастоварди дигари рисола ҳамин аст, ки забони таҳқиқоти мазкур аз ҷиҳати илмӣ фасеҳ буда, ба меъёрҳои забони адабии имрӯзаи тоҷикӣ пурра мутобиқ аст. Фикррониҳо ва баёни нуктаи назари муаллифи рисола бо амиқӣ ва мантиқи баланд фарқ мекунанд. Аз мутолиаи рисолаи Мирзораҳматова Гулнора метавон чунин натиҷа гирифт, ки диссертатсия ба талаботи рисоланависии аз тарафи КОА ҶТ пешниҳодшаванда ҷавобгӯ буда, муаллифи он соҳиби истеъдоди хуби муҳаққиқӣ мебошад. Рисола мувофиқи талаботу меъёрҳои забони муосири адабии тоҷикӣ таълиф ёфтааст, матлаби унвонҷӯй пурмазмун буда, бо далелҳои илмӣ қувват дода шудааст ва барои анҷом додани

тадқиқотҳои дигари илмӣ омода мебошад. Рисолаи мавриди назар ба талаботи рисолаҳои барои дарёфти дараҷаи номзади илми филологияи ВАК- и Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгуй ва мақолаҳои ба мавзӯъ алоқаманди интишордодаи унвонҷӯ муҳтавои онро ифода менамояд. Ба ин маънӣ,ба ҳайси роҳбари илмӣ ин рисоларо чун кори анҷомёфта ба ҳимоя тавсия менамоям.

Искандар Икромов, доктори илмҳои филологӣ,

профессори кафедраи адабиёти тоҷики

ДДҚ ба номи Носири Хусрав

Имзои И.Икромовро тасдиқ менамоям

Сардори шк: Амиршоев А.